В диссертационный совет 6D.КОА-014
при Таджикском государственном
финансово-экономическом университете.
Адрес: Республика Таджикистан,
734067, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14,
E-mail: faridullo72@mail.ru,
телефон учёного секретаря (992) 935730010.

# ОТЗЫВ

на автореферат диссертации Мирбобоевой Матлюбахон Ибраимхоновны на тему: «Благотворительность в условиях формирования и развития социально-ориентированной экономики (на примере Согдийской области Республики Таджикистан)» на соискание ученой степени доктора философии (PhD), доктор по специальности 6D050600 – Экономика (6D050611 – Услуги в науке, образование и социальной сфере)

Актуальность темы диссертационного исследования на тему «Благотворительность в условиях формирования и развития социально-ориентированной экономики (на примере Согдийской области Республики Таджикистан)» не вызывает сомнения. В современной рыночной экономике всегда есть группа членов общества, которые нуждаются в поддержке со стороны государства и частного сектора, и в зависимости от уровня экономического развития это соотношение сильно варьируется от страны к стране. Вследствие чего в развитых странах в результате формирования благотворительной культуры и ее институционализации появились специализированные учреждения, которые продвигают благотворительную деятельность, собирают благотворительные средства и распределяют их среди нуждающихся. До тех пор, пока благотворительная деятельность, как в развитых странах, не станет частью традиции благотворительности и не примет форму миссии представителей бизнеса по отношению к бедным, социально-ориентированная экономика остается тяжелой обязанностью государства. Таким образом, необходимость изучения экономических аспектов благотворительной деятельности, уточнения ее роли в системе социальной защиты, а также уточнения характера услуг в рамках этой деятельности свидетельствует об актуальности и необходимости выбранной темы.

В диссертационной работе автор уделяет внимание изучению теоретических подходов к исследованию оценки благотворительной деятельности как экономического явления в условиях развития социально-

ориентированной экономики на отдельных территориях; прослеживанию формирования благотворительной деятельности как явления и экономической категории, объяснению ее социально-экономической сущности, определению экономического содержания понятий «благотворительность», «добродетель», «милосердие»; оценке феномена благотворительной экономики как средства преодоления социальных проблем в рыночной экономике; изучению передовой практики благотворительности за рубежом и путей ее реализации в условиях Республики Таджикистан; анализу процесса формирования социально-ориентированной экономики в стране и вклада благотворительной деятельности в ее развитие, рассмотрению вклада Лидера нации в формирование механизма реализации благотворительности в Таджикистане; анализу показателей благотворительной деятельности в Согдийской области, выявлению экономического потенциала благотворительности; поиску путей совершенствования механизма благотворительной деятельности в республике, в том числе в Согдийской области.

Основываясь на содержании автореферата, хотелось бы отметить теоретическую и практическую значимость работы, написанной с использованием современных методов исследования, соответствующих целям и задачам диссертации, достоверность источников и разнообразие базы исследования. По теме диссертации опубликовано 22 научных труда, написанных автором лично и в соавторстве, в том числе 5 статей в ведущих научных изданиях, рекомендуемых ВАК при Президенте Республики Таджикистан и 18 научных статей на конференциях общим объемом 3,5 п.л.

Полученные Мирбобоевой М.И. выводы достаточно обоснованы и логичны, имеют практическое значение. Методология и моделирование, предложенные в диссертации, могут быть использованы в деятельности исполнительных органов государственной власти, государственных и негосударственных организаций общественного сектора для оценки эффективности их деятельности и выработки рекомендаций по дальнейшему развитию государственного сектора экономики Согдийской области и совершенствованию системы управления, направленной на удовлетворение социальных потребностей данного региона.

В качестве замечания можно отметить, что целесообразно более подробно рассмотреть основные этапы государственной политики в области оценки эффективности деятельности благотворительных организаций, поскольку это позволит лучше понять их влияние на экономические, организационные и правовые отношения, складывающиеся в процессе благотворительной деятельности, деятельность между государством,

благотворительными организациями, самими благотворителями и потребителями этих услуг.

На основании общей позитивной оценки содержания автореферата и представленных в нем научных результатов, отражающих новизну исследования и личный вклад автора в разработку положений исследуемой проблематики, можно заключить, что диссертация Мирбобоевой М.И. на тему «Благотворительность в условиях формирования и развития социально-ориентированной экономики (на примере Согдийской области Республики Таджикистан)» удовлетворяет критериям установленным в Порядке присуждения ученых степеней ВАК при Президенте Республики Таджикистан, утвержденной Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30.06.2021 г., № 267 предъявляемым к докторским диссертациям (доктора философии (PhD)), а ее автор заслуживает присуждения степени доктор по специальности 6D050600 – Экономика (6D050611 – Услуги в науке, образование и социальной сфере).

Главный научный сотрудник
Лаборатории моделирования евразийской интеграции и мирохозяйственных процессов ФГБУН Центрального экономико-математического института РАН (ЦЭМИ РАН), доктор экономических наук, профессор

Борталевич Светлана Ивановна

«26» декабря 2024 г.

*Почтовый адрес:* *117418 Москва, Нахимовский проспект, 47*
*Тел. +7(499) 724-26-56*
*e-mail:* 680097@inbox.ru

Подпись д.э.н., профессора Борталевич С.И. заверяю.
Заведующая отделом кадров

Алена Дмитриевна ЖЕЛЕЗНОВА

ОТДЕЛ КАДРОВ

Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14
E-mail: faridullo72@mail.ru,
телефони котиби шурои илмӣ
(992) 935730010

Тақриз

ба автореферати рисолаи илмии Мирбобоева Матлюбахон Иброимхоновна дар мавзуи: «Эҳсонкорӣ дар шароити ташаккул ва рушди иқтисодиёти тамоюли иҷтимоидошта (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз руйи ихтисоси: 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050611 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт)

Ба мубрамии мавзӯи тадқиқоти рисолаи диссертатсионӣ дар мавзӯи «Эҳсонкорӣ дар шароити ташаккул ва рушди иқтисодиёти тамоюли иҷтимоидошта (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ҷои баҳс нест. Дар шароити муосири иқтисоди бозаргонӣ ҳамеша як гурӯҳи аъзои ҷомеа ҳастанд, ки ба дастгирии давлат ва бахши хусусӣ эҳтиёҷ доранд ва вобаста ба сатҳи рушди иқтисодӣ ин таносуб дар як кишвар ба кишвари дигар хеле фарқ мекунад. Дар натиҷа дар мамолики пешрафта дар натиҷаи ташаккули фарҳанги эҳсонкорӣ ва ниҳоднок гаштани он муассисаҳои махсусгардонидашуда ба вуҷуд омадаанд, ки фаъолияти эҳсонкориро пеш мебаранд, маблағҳои хайрияро ҷамъоварӣ намуда, дар байни ниёзмандон тақсим мекунанд. То он даме, ки фаъолияти эҳсонкорӣ, мисли он дар кишварҳои пешрафта ба вуҷуд омадааст, ба анъанаи хайрия табдил наёбад ва шакли рисолати намояндагони тиҷоратро ба қишри камбизоат нагирад, иқтисоди ба иҷтимоиёт нигаронидашуда масъулияти вазнини давлат боқӣ мемонад. Ҳамин тавр, зарурати омӯзиши ҷанбаҳои иқтисодии фаъолияти эҳсонкорӣ, аниқ кардани нақши он дар системаи ҳифзи иҷтимоӣ, инчунин аниқ кардани хусусияти хизматрасонӣ дар доираи ин фаъолият аз аҳамиятнокӣ ва зарурияти мавзӯи интихобшуда далолат мекунад.

Муаллиф дар рисолаи илмии худ ба омӯзиши масъалаҳои равишҳои назариявии баҳодиҳии фаъолияти эҳсонкорӣ ҳамчун падидаи иқтисодӣ дар шароити инкишофи иқтисодиёти ба иҷтимоиёт нигаронидашуда дар ҳудудҳои алоҳида; пайгирии ташаккули фаъолияти эҳсонкорӣ ҳамчун падида ва категорияи иқтисодӣ, шарҳ додани моҳияти иҷтимоию иқтисодии он, муайян кардани мазмуни иқтисодии

мафҳумҳои «садақа», «хайрия», «шафқат»; баҳодиҳии падидаи иқтисоди эҳсонкорӣ ҳамчун воситаи рафъи мушкилоти иҷтимоӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ; омӯзиши таҷрибаи пешқадами эҳсонкорӣ дар хориҷа ва роҳҳои татбиқи онҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон; таҳлили раванди ташаккули иқтисоди ба иҷтимоиёт нигаронидашуда дар кишвар ва саҳми фаъолияти эҳсонкорӣ дар рушди он, баррасии саҳми Пешвои миллат дар ташаккули механизми татбиқи хайрия дар Тоҷикистон; таҳлили нишондиҳандаҳои фаъолияти эҳсонкорӣ дар вилояти Суғд, муайян намудани иқтидори иқтисодии эҳсонкорӣ; ҷустуҷӯи роҳҳои такмили механизми фаъолияти эҳсонкорӣ дар ҷумҳурӣ аз ҷумла вилояти Суғд таваҷҷуҳ равон кардааст.

Дар асоси мундариҷаи автореферат мехоҳам аҳамияти назариявӣ ва амалии рисолаи навишташударо, ки бо истифода аз усулҳои муосири тадқиқот, ки ба ҳадаф ва вазифаҳои рисола мувофиқанд, эътимоднокии сарчашмаҳо ва гуногунии заминаи тадқиқот рӯи кор омадаанд, қайд намоям. Доир ба мавзуи рисола 22 мақолаи илмӣ, ки аз ҷониби муаллиф шахсан ва ё дар ҳаммуаллифӣ навишта шудааст, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии пешбари тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 18 мақолаи илмӣ дар конференсияҳо ва ҳамоишҳо бо ҳаҷми умумии 3,5 ҷузъи чопӣ ба нашр расидаанд.

Хулосаҳои баровардаи М.И. Мирбобоева ба қадри кофӣ асоснок ва мантиқӣ буда, аҳамияти амалӣ доранд. Методология ва моделсозии дар рисола пешниҳодшуда метавонад дар фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатии бахши ҷамъиятӣ барои арзёбии самаранокии фаъолияти онҳо ва таҳияи тавсияҳо оид ба рушди минбаъдаи бахши давлатӣ, иқтисодиёти вилояти Суғд ва такмили системаи идоракунӣ баҳри қонеъ гардондани эҳтиёҷоти иҷтимоии минтақа истифода шавад.

Ҳамчун эрод, метавон қайд кард, ки ба таври муфассал баррасӣ кардани марҳилаҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи баҳодиҳии самаранокии ташкилотҳои эҳсонкорӣ ба мақсад мувофиқ аст, зеро ин ба мо имкон медиҳад, ки таъсири онҳо ба фаъолияти иқтисодӣ, ташкилӣ ва муносибатҳои ҳуқуқие, ки дар ҷараёни эҳсонкорӣ, байни давлат, ташкилоти хайрия, эҳсонкор ва истеъмолкунандагони ин хизматрасониҳо ба вуҷуд меоянд, танзим намояд.

Дар асоси баҳои умумии мусбӣ ба мундариҷаи автореферат ва натиҷаҳои илмии дар он пешниҳодшуда, ки навоварии тадқиқот ва саҳми шахсии муаллифро дар таҳияи муқаррароти проблемаи

омӯхташаванда инъикос мекунанд, метавон хулоса кард, ки рисолаи номзадии М.И. Мирбобоева дар мавзӯи «Эҳсонкорӣ дар шароити ташаккул ва рушди иқтисодиёти тамоюли иҷтимодошта (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба меъёрҳои муқаррарнамудаи Тартиби додани унвонҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 нисбат ба рисолаҳои докторӣ (доктори илмҳои фалсафа (PhD) тасдиқ шудааст, пешниҳод гардидааст ва муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа аз рӯи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт ва 6D050611 – Хизматрасонӣ дар соҳаи илм, маориф ва иҷтимоиёт мебошад.

Сарходими илмии
Озмоишгоҳи моделсозии интегратсияи авруосиё ва равандҳои хоҷагии ҷаҳонии Муассисаи федералии давлатии буҷетии илмии (ФГБУН) Институти марказии иқтисодӣ-математикии Академияи илмҳои Русия (ЦЭМИ РАН), доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Борталевич Светлана Ивановна

«26» декабри с. 2024.

**Суроға:** *117418 Москва, Хиёбони Нахимов, 47*
*Тел. +7(499) 724-26-56* e-mail: 680097@inbox.ru

*Имзои д.и.и., профессор Борталевич С.И.-ро тасдиқ мекунам.*

*Мудири шуъбаи кадрҳо* Алена Дмитриевна ЖЕЛЕЗНОВА

| | |
|---|---|
| ҶДММ "ЛЕГАСИ КОНСАЛТИНГ" | ТАРҶУМА ДУРУСТ АСТ |
| ООО "ЛЕГАСИ КОНСАЛТИНГ" | ПЕРЕВОД ВЕРЕН |
| LLC "LEGACI CONSULTING» | TRANSLATION IS CORRECT |
| «27» 01 2025 | |
| ТЕЛ.: 92 701-44-94 | |
| БЮРО ПЕРЕВОДОВ ТРАНСЛИТ | |

«28» январи соли 2025. Ман, Очилзода Н.О. нотариуси давлатии идораи нотариалии давлатии шаҳри Хуҷанд вилояти Суғд, аслияти имзоро, ки тарҷумони ба ман маълум Махкамова М.А. гузошт, тасдиқ мекунам. Шахсияти у мукаррар карда шуда қобили амал будани ӯ тафтиш карда шуд.

Дар феҳристи таҳти № 1Д - 464 сабт карда шуд.

Боҷи давлати ба маблаги 2.16 сомони ва хизматрасонии нотариалии муздиок 18.00 сомони пардохт шуд.

Нотариуси давлатӣ ______________________________

ҲАМАГӢ РАҚАМГУЗОРӢ, РЕСМОНБАНДӢ ВА МӮҲРГУЗОРӢ КАРДА ШУДААСТ ДАР ҲАҶМИ 6 САҲИФА